**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Данаева Камола дар мавзӯи "Таъсири ҷаҳонишавӣ ба равандҳои иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистон дар шароити муосир" барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.01 - фалсафаи иҷтимоӣ**

Ҷаҳони муосир акнун дар рӯ ба рӯи мушкилоте, ки ӯро дунбол мекунанд, хеле возеҳу равшан ба дарки оқибатҳои нодида гирифтани таъсири омилҳои фарҳангиро ба равандҳои сиёсию иқтисодӣ наздик шуда истодааст. Зеро равандҳои ҷаҳонишавӣ дар муҳите сурат мегиранд, ки он дар заминаи таъомулоти иҷтимоию фарҳангии одамони мансуб ба ҷомеаҳои мушаххас ва хусусияти муносибатҳои фаъолияти онҳоро ба танзим дароваранда ташаккул ёфтааст. Нодида гирифтани чунин ҳолат имрӯз равандҳои ҷаҳонишавиро ба як навъ бунбасту мушкилоти арзишӣ мувоҷеҳ сохтааст, ки дар муқобила бо он ҷараёнҳои деглобализатсия ва локализатсия қомат меафрозанд. Бинобар ин барои аз чунин вазъият раҳо кардани таъомулоти гуногунҷанбаи муносиботи байни кишварҳою сокинони сайёраи замин баҳсу ҷустуҷӯҳои зиёде идома дорад ва онҳо дар саҳнаҳои мӯътабари сиёсию интелектуалӣ мавриди музокироту татбиқи барномаҳои гуногун шудаанд. Маҳсули яке аз чунин баҳсу барномарезиҳо ин пешниҳоди амсилаи нави таъомулоти иҷтимоию фарҳангӣ ва сиёсию иқтисодии кишварҳои олам таҳти унвони ҷаҳонишавии фарогир ё инклюзивӣ ва консепсияи рушди мултилатеризмӣ мебошад. Ҳадаф аз ин амсилаҳо аз он иборат аст, ки бояд кишварҳои олам, бахусус сокинони онҳо ба таври баробар таъсири мусбати равандҳои ҷаҳонишавиро дар зиндагияшон ҳисс кунанд ва эҳсоси хатар барои нигоҳдории анъанаҳои хоси фарҳангияшон дар паҳлуи вусъати ин равандҳо надошта бошанд.

Бо чунин гузориши мубрамияти масъала рисолаи Данаева К.Х. дар мавзуи "Таъсири ҷаҳонишавӣ ба равандҳои иҷтимоӣ-фарҳангии Тоҷикистон дар шароити муосир” аз мубрамияти хос бархурдор аст. Мубрамияти таҳқиқи ин масъаларо зарурияти хусусияти ақлонӣ бахшидани идоракунии равандҳои

ріщтимоию фарҳангии ҳаёти ҷомеа ҳам дар сатҳи назариявӣ ва ҳам амалӣ асоснок менамоянд. Бинобар ин дар рисола муаллиф танҳо бо асосноккунии мавқеи назариявии худ дар таҳлили масъалаи мазкур маҳдуд нашуда аз падидаҳои марбут ҳаёти рузмарраи ҷомеа мисолҳои фаровон иқтибос меорад. Чунин тарзи таҳлилу баёни масъалаи хеле мураккабе, ки оид ба он қаблан ёдовар шудем, гувоҳи он аст, ки муаллиф бо сарчашмахои аслии ин проблема шинос аст ва онҳоро дар мавридҳои лозим муносиб истифода мебарад.

Дар рисола гузориши масъалаҳо дар мундариҷа ба таври мантиқӣ риоя шудааст ва пайдарҳамии баёни фикру мулоҳизот равшан ба назар мерасад. Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки муаллиф хусусияти ба муҳити иҷтимоию фарҳангии ҷомеаи муосири Тоҷикистон ворид шудани таъсири равандҳои ҷаҳонишавиро низ муфассал мавриди таҳлил қарор додааст. Дар ин маврид ӯ танҳо ба нишон додани сабабу омилҳои чунин таъсиррасониҳо маҳдуд нашуда, балки заруriяту имкониятҳои ҳифзи вижагиҳои фарҳангии ҷомеаро баён месозад. Аз ин ҷиҳат самараи таҳқиқоти мазкурро метавон на танҳо дар сатҳи назариявӣ, балки инчунин дар амалияи идоракунии ақлонии равандҳои иҷтимоию фарҳангӣ васеъ истифода бурд. Навгонии дигари кор аз он иборат аст, ки консепсияҳои муосири фалсафӣ-иҷтимоӣ дар бораи равандҳои ҷаҳонишавӣ омӯхта ва тасниф карда шуда, алоқамадии диалектикии он бо дигар падидаҳо, аз ҷумла бо ҳаёти иҷтимою фарҳангӣ омӯхта шудааст.

Вобаста ба мулоҳизоти зикршуда метавон гуфт, ки диссертант Данаева Камола аз маҳорати хуби таҳқиқӣ бархурдор аст ва минбаъд низ метавонад ба таври мустақилона ба анҷоми корҳои илмию таҳлилӣ машғул шавад. Саҳми шахсии унвонҷӯи дараҷаи илмӣ дар он зуҳур меёбад, ки дар раванди таҳқиқоти илмӣ ӯ бевосита сарчашмаҳо рисолаҳои илмӣ монографияҳо ва дигар маводҳои марбут ба мавзӯи мазкурро омӯхта, мавриди таҳлил қарор додааст. Асосҳои назариявӣ ва методологӣ ва хулосаву тавсияҳое, ки дар диссертатсия ҷой доранд, натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи диссертант мебошанд. Ғояҳо ва хулосаҳои баровардаи таҳқиқот метавонанд ҳамчун заминаи методологӣ дар гуфторҳои минбаъдаи илмӣ хизмат намоянд.

Ҳамин тариқ, Данаева К.Х. аз ухдаи вазифаҳои гузошташуда баромада тавонистааст ва диссертатсияи ӯ таҳқиқоти ба охир расида, дорои навгонии илмӣ буда, аз аҳамияти назариявӣ ва амалӣ бархурдор аст. Маводҳои назариявӣ ва эмпирикии истифода гашта, методологияи таҳқиқот ба талабот ва шиносномаи ихтисоси 09.00.11 - фалсафаи иҷтимоӣ мувофиқат менамояд.

Дисссертатсияи Данаева Камола дар мавзӯи "Таъсири ҷаҳонишавӣ ба равандҳои иҷтимоӣ-фарҳангии Тоҷикистон дар шароити муосир" ба талаботҳое, ки дар Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, Тартиби додани унвонҳои илмӣ, Тартиби бақайдгирии давлатии диссертатсияҳои ҳимояшуда», ки аз 30 июни соли 2021, № 267 ҷавобгӯй мебошад.

**Роҳбари илмӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа, профессор,**
**узви вобастаи АМИТ** Усмонзода Х.У.

Имзои Усмонзода Х.У.-ро тасдиқ мекунам.
Мудири шуъбаи кадрҳо Шодиева

ШУЪБАИ КАДРҲО